# Роҳи интихобнамудаи мо — ин роҳи пешрафти демократӣ ва ҳамкорӣ бо дунёи мутараққӣ

(Аввалаш дар саҳ.1)

**ЯКУМ.** Боз ҳам демократӣ, боз ҳам ба таври муносиб аз нав тақсим кардани ваколатҳо байни шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ таъмин карда мешавад.

Барои ҳар яки шохаҳои ҳокимият барои мустақлона иҷро кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Конститутсия ба зиммаашон гузошта кафолату шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

Мавқеву аҳамияти ҳокимияти қонунгузорӣ ба дараҷаи назаррас пурзӯр мегардад. Мавқеву ваколати Олий Маҷлис дар ташаккулдиҳӣ ва назорати фаъолияти ҳукумат, аз ҷумла, ҳангоми тасдиқ кардани номзадии Нахуствазир хеле меафзояд.

Як қисми ваколати Президент, дар навбати аввал дар қисми таъин ва тасдиқи роҳбарони сохторҳои давлатӣ, судӣ ва хидматҳои махсус, намояндагони дипломатӣ дар хориҷ ва дар ташкилотҳои байналхалқӣ ба палатаи болоии аз нав ташкилшудаистода — Сенат дода мешавад.

**ДУВВУМ.** Таҳрири моддаи 89-и Конститутсия, ки «Президент дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад» гуфта шудааст, асосан тағйир меёбад.

Қисми дуюми ин модда, ки «Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар айни замон Раиси Девони Вазирон ба ҳисоб меравад» қайд шудааст, ихтисор мегардад.

Ба таври зайл аз нав тақсим карда шудани ваколат ва вазифаҳои Президент, бешубҳа, дар сохтори давлатӣ ҷараёнҳои демократиро пурзӯр мегардонад, ваколат ва баробари ин масъулияти Нахуствазир, ҳукумат ва умуман сохтори ҳукуматӣ ба дараҷаи назаррас пурзӯр мегардад.

**СЕЮМ.** Палатаи поёнии қонунгузорӣ фаъолияташро доимӣ ва дар асоси маҳорати касбӣ ба амал мебарорад. Худ аз худ фаҳмост, ки ин на танҳо ба тағйироти сифатии таркиби намояндагони халқи ба палата интихоб мешуда, баланд бардоштани талабот ба малака ва маҳорати касбии онҳо меорад, балки мо ҳуқуқ дорем, ки асосан тағйир ёфтани худи ҷараёни кори қонунгузорӣ ва дар охир беҳтар шудани сифати қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии қабул мешударо интизор шавем.

Аз парлумони ҳозираи дар тартиби маҷлисҳои иҷлосия кор мекарда ба фаъолияти палатаи қонунгузорӣ, ки доимӣ кор мекунад гузаштан ҳам ба ин мақсад хизмат мерасонад.

Аминам, ки аз рӯи рӯйхатҳои ҳизбӣ ва роҳи худпешбарӣ ба таркиби палатаи қонунгузорӣ интихоб кардани депутатҳо барои қатъан пурзӯр гардондани мавқеъ, таъсир ва аҳамияти вай дар ҳаёти амалии ҳизбҳои амалкунанда, инчунин муассисоти халқӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо шароитҳои зарурӣ фароҳам меоварад.

Дар навбати худ, ташкил кардани палатаи болоӣ — Сенат ба сифати мақомоти намояндагӣ, ки ба таркибаш бо шумораи баробар депутатҳои субектҳои ҳудудӣ — Кенгашҳои маҳаллиро муттаҳид месозад, ба Олий Маҷлис — мақомоти олии қонунгузорӣ, таъбир ҷоиз бошад, имконият медиҳад, ки набзи мамлакатро донад, манфиатҳои онҳоро акс намояд ва ҳимоя кунад.

Ба ин тартиб ташаккул ёфтани палатаҳои поёнию болоӣ дар парлумони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон барои пурра ифода кардани манфиатҳои на танҳо гурӯҳҳои сиёсиву ҳаракатҳо, балки қувваҳои минтақавӣ, бо як сухан тамоми табақаҳои иҷтимоии аҳолии мамлакат асосу кафолатҳои зарурӣ фароҳам меоварад.

**ЧОРУМ.** Худ аз худ фаҳмост, ки тағйир додани сохтори ҳокимияти қонунгузорӣ ва дар асоси дупалатагӣ ташкил кардани вай водор месозад, аниқтар гӯем, тақозо дорад, ки дар худи Конститутсия ваколатҳои аниқ, ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳар як палата, тафрикаи соҳаҳои фаъолияти алоҳида ва муштарак бо ҷузъҳояш аниқ муайян карда шавад.

Мехостам махсусан зикр намоям, ки танҳо аниқу аз нигоҳи ҳуқуқӣ, аз нуқтаи назари конститутсионӣ муайян кардани самтҳо ва соҳаҳои фаъолияти Палатаи қонунбарорӣ ва Сенат, аз байн бардоштани ба ҷо овардани кори якхелаи имконпазир, ҳамдигарро иваз накарда кор кардани онҳо сар задани вазъи бӯҳрониро соқит мекунад. Дар ин бобат дар хусуси муқовимат ва зуҳур ёфтани боло гирифтани ҳиссиёт дар байни аъзоёни парлумон ҳарф назанем ҳам мешавад.

Ба ҳамаи мо лозим меояд на танҳо усулиятҳо ва меъёрҳои демократии рафторро омӯзем, принсипнокӣ ва ҳатто сар нафуроварданро ҳини қабул кардани қонунҳо зоҳир кунем, балки аз доираи этикаи вакили халқ берун набаромада, шаъну шарафи мансуби интихобкардаи халқро ҳам аз даст надиҳем.

Ба мо лозим меояд, ки дар амал ба рӯи об баровардани низоми риояи мувозанати қувваҳо, низоми худдорӣ аз муқовимати байниҳамдигариро, дар навбати аввал, байни ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ омӯзем, ки бидуни онҳо мавҷудияти давлати демократиро тасаввур кардан душвор аст.

**ПАНҶУМ.** Тадбирҳои имрӯзҳо андешидашуда, тағйироту иловаҳо ба Конститутсия оид ба вуҷуд овардани ташкили низоми наву ниҳоят такмилёфтаи демократии мувозанати сохторҳои ҳокимият бояд огоҳии пурқувват барои фаъол гардидани ҳаёти сиёсии ҷамъият, афзудани худшуурнокии ҷамъиятиву сиёсии шаҳрвандонамон гардад. Ва равандҳои мазкур аз рӯи моҳият аллакай дар ҳам марказ ва ҳам дар маҳалҳо ҷой доранд.

Дар ин шароити фавқулодда дуруст арзёбӣ кардани вазъият, муқовимат нишон надодан, баракс, фароҳам овардани имкониятҳои калон дар навбати аввал барои ба вуҷуд овардан ва пурзӯр гардондани фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ, муассисоти ҷамъияти шаҳрвандӣ, масалан, аз қабили муассисоти демократии худидораи маҳаллаи аз ҷониби умум эътирофгардида, аҳамияти муҳим касб мекунад.

Зарур аст он чиз ба назари эътибор гирифта шавад, ки маҳз чунин сохторҳо, пеш аз ҳама арзёбии мушаххаси танқидонаро ҳам ба сиёсати беруна ва ҳам дохилаи давлат ва ҳукумат медиҳанду дониш, таҷриба, муносибати шаҳрвандӣ ва мавқеи шаҳрвандӣ ба ҳамаи он чизе ба вуҷуд оварда мешавад, ки дар гирду атроф рух медиҳанд.

Бидуни шакку шубҳа, дар ин бобат нақши матбуоти мо, воситаҳои ахбори оммавӣ, радио ва телевизион хеле баланд аст.

Мехостам аз имконият истифода бурда, бори дигар қайд намоям, ки танҳо амалан, на дар сухан таъмин кардани озодии сухан, иттилоот ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро аз рӯи моҳияти воқеияти дар ҷамъиятамон рух додани равандҳои навсозӣ ва демократиконӣ баҳо додан мумкин аст.

Бешак, аҳамияти умда барои ба рӯи об баровардани вазифаҳои пешгузошта минбаъда такмил додани низоми интихоботӣ касб мекунад.

Мо ҳамагон бояд як ҳақиқати оддиро фаҳмем. Тарҳи идеалии идораи давлат ва ҷамъиятро таҳия кардан, онҳоро дар Конститутсия ва қонунҳо таҳким бахшидан мумкин аст, вале агар озодона изҳор кардан азму иродаи интихобкунандагонро ҳангоми интихобу ба вуҷуд овардани ин ҳокимият, усулиятҳои аз ҳама такмилёфтаву ба усулиятҳои волои демократия ҷавобгӯи низоми интихоботиро чӣ дар марказ ва чӣ дар маҳалҳо таъмин насозем, дар он сурат корҳоямон ҳеҷ мегарданд.

Дар ин бахш таъмини таҳияи амиқу хушсифат, бо назардошти фикру мулоҳизаҳо ва арзёбии танқидона, муносибати гурӯҳҳои мухталифи манфиатдор, дар навбати аввал ташкилотҳо ва корбастони баобрӯи байналхалқӣ оид ба лоиҳаи дар қироати аввалу таҳрири нави Қонун дар бораи интихоботи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аҳамияти калон касб мекунад.

Фикрҳои болоиро ҷамъбаст намуда, дар мо тамоми асосҳо ҳаст тасдиқ намоем, ки тағйироту иловаҳое, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ворид карда мешаванд, акси объективӣ ва татбиқи саъю ҳаракати собитқадамонаву дилпуронаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар роҳи демократиконӣ ва озодкунии сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ буда, шароити зарурӣ ва кафолати конститутсиониро барои ба даст омадани вазифаҳои муҳими мақсаднок фароҳам меоварад, ки мо дар наздамон гузоштаем ва онҳо сулҳу салоҳ, мӯътадилӣ, фаровонӣ ва шукуфонии халқамон мебошанд.

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Бо иҷозати шумоён ман мехостам ба боз як масъалаи муҳим, ки алоқаманди воқеаҳои Ироқ ва атрофи он мебошанд, истода гузарам, ки имрӯзҳо дар маркази диққату эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст.

Чуноне ки ба шумоён маълум аст, воқеаҳои мазкур таърихи дуру дарозро моликанд.

Мамлакате аз қабили Ироқ аз рӯи вазъи ҷуғрофиву геосиёсӣ, ки аз давраҳои қадим коммуникатсияҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ убур кардаанд, ба туфайли захираҳои бузурги табиӣ, дар навбати аввал захираҳои сӯзишворӣ, дигар захираҳо диққату эътибори бештари ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб сохтааст.

Имрӯзҳо танҳо аз рӯи захираҳои нафти тадқиқгардида, ки беш аз 11 фоизи саросари ҷаҳонро ишғол мекунад, Ироқ баъди Арабистони Саъудӣ дар ҷаҳон ҷои дуюмро ишғол мекунад. Агар он чизро ба назар гирифта, ки нафти дар Ироқ истихроҷшаванда аз ҳама арзон дар ҷаҳон мебошад, тасаввур кардан душвор нест, ки нақш ва аҳамияти мамлакати мазкур дар бозори ҷаҳонии нафт чӣ гуна мебошад.

Мамлакати мазкур байни ду дарёи бузург—Даҷла ва Фирот ҷойгир буда, сарзамини мазкури бо ёдгориҳои қадимаи тамаддунро, аз қабили Шумер ва Аркад, Бобул ва Оссурия дар худ маҳфуз медорад, ки дар ин маҳалҳо марказҳои илм, санъат ва ҳунармандӣ рӯ ба инкишоф ниҳодаанд, дар фарҳангистонҳои қадимаи Бағдод бисёр мутафаккирони номдори Шарқ, фарҳангу фалсафаи ислом таҳсили илм гирифтаанд.

Алқисса, мамлакати мазкури дорои 25 миллион нафар аҳолӣ соҳиби чунин нерӯи бузург, бидуни шакку шубҳа бояд фаровон зиста, ба халқи худ шароити мусоидро фароҳам оварад.

Аз ин рӯ аз ҷиҳати шароит ва дараҷаи зисту зиндагонӣ он аз дигар мамлакатҳои сарватманди халиҷи Форс, аз қабили Қувайт, Аморатҳои Муттаҳиди Араб, Баҳрайн, Қатар, Уммон кам нашуданаш лозим аст.

Вале, мутаассифона, дар тамоми давраи ба сари қудрат омадани С.Ҳусейн, ки соли 1979 дар натиҷаи амалӣ гардондани силсилаи табадулотҳои хунин, хунрезиҳо, бешафқатона маҳв кардани ҳарифони худ ва ҳатто пайвандонаш ба сари ҳокимият омадааст, чунин имкониятҳои Ироқ истифода бурда нашуданд.

Чуноне ки таърихи президентии Саддам Ҳусейн нишон медиҳад, мақсади асосиеро, ки ӯ дар назди худ гузошт, ин дар доираи тарсу биими сахт нигоҳ доштани халқ ва ба гурезагӣ маҳкум кардани онҳо, бераҳмона ҷазо додани онҳое, ки ба ҳокимияти вай чашм ало мекарданд ва мақсади аз ҳама волои ӯ вусъат додани сарҳади салтанати худ на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз ҳудуди он ҳам буд. Ба таъсири худ даровардани нафту гази мамлакатҳои ҳамсоя, ба худ мутеъ сохтани онҳо ва бо ҳамин ба даст овардани ҳуқуқи ягонаи ихтиёрдорӣ ва идора кардани минтақаи бою васеъ мақсади ӯро ташкил медод.

Агар бигӯем, ки бо кӯмаки низоми пурқуввати ба вуҷудовардаи полисаву тоталӣ амалан тамоми нерӯи мамлакат, сарватҳо, дар навбати аввал, долларҳое, ки аз фурӯши нафт ва манбаъҳои нафт ба даст меомаданд, асосан барои сарватҷамъкунии шахсӣ ва ғанӣ сохтани боигарии пайвандон, дар ҳар як шаҳр сохтани қасрҳо ва маҷмӯъҳои бовиқор, ҳайкалу ҳайкалчаҳо ба худи вай, низоми бутуни таҳхонаҳо ва объектҳои зеризаминӣ сарф мегардид, ягон муболиғае намебуд.

Имрӯзҳо дар ҳисобсуратҳои хориҷаи Ҳусейн ва ҳисобсуратҳои пайвандону ҳаммаслаконаш маблағҳо ба андозаи даҳҳо миллиард доллар ва боигариҳо гузошта шудаанд.

Амалан аз рӯзҳои аввали президентии худ С.Ҳусейн барои ба даст овардани силоҳи қатли умум диққату эътибори калонро нигаронд.

Бо кӯмаки як қатор мамлакатҳои пурқувват ҳанӯз дар солҳои 80-ум ӯ чандин реакторҳои атомиро сохт ва таҷҳизоти дахлдорро оид ба азнавкоркарди маводҳои парчашаванда ва технологияи истеҳсоли силоҳи ядроӣ харид намуда, заминаи зарурииро барои сохтани силоҳи кимёвӣ ва биология соҳиб гардид.

Ҷанги беш аз ҳашт сол давомкардаи хунин бо Эрони ҳамсоя, ки дар он беш аз 800 ҳазор нафар фавтиданд, аз он ҷиҳат боиси қайд аст, ки маҳз дар онҳо аз ҷониби Ҳусейн силоҳи кимёвии манъгардида истифода шуд.

Вай аз истифодаи силоҳи биологӣ низ рӯ натофт ва барои ин халқи худро ҳам дареғ надошт. Оқибат садҳо ҳазор нафар аҳолии оддии мансуби миллати курд фавтида, беш аз 40 қарияи аҳолинишин несту нобуд карда шуд.

Ба беҷазо мондан ва иқтидори худӣ такя намуда, соли 1991 С.Ҳусейн артиши худро барои ба даст овардан ва забт кардани Қувайти хурди ҳамсояи аз нафт бой сафарбар кард, ки барои бо қувваи худ ҳифз кардани ҳудудаш қодири қабул набуд.

Ба ҳамагон аён аст, ки дар натиҷаи аз ҷониби муоҳидаи байналхалқӣ таҳти сарпарастии ИМА гузарондани амалиётҳои ҳарбӣ, ки унвони «Туфон дар дашт»-ро дошт, Қувайт озод карда шуд.

Мехостам ба хотир оварам, ки мувофиқи резолютсияҳои Шӯрои Амнияти СММ Ироқ ӯҳдадор гардид, ки дар бадали 90 рӯз силоҳи худро маҳв месозад ва корҳоеро қатъ мегардонад, ки дар мамлакат оид ба истеҳсоли силоҳи маҳви умум ба иҷро расонда мешуданд.

Дар аҳли ҷамъияти ҷаҳонӣ имрӯзҳо тамоми асосҳо ҳаст бигӯяд, ки ба ҷои он ки, таҳти назорати комиссияҳои байналхалқӣ бечунучаро резолютсияҳои сершумори СММ-ро оид басилоҳпартоӣ иҷро кунад, С.Ҳусейн дар тӯли ин солҳо бозии найрангонаи худро намоиш дода, азму иродаи СММ ва тамоми ҷомеаи ҷаҳониро рад карда омад.

Ҳатто, вақте ки мувофиқи қарори СММ «Озуқаворӣ—ба ҷои нафт» амалӣ гардондани барнома оид ба расондани кӯмак ба Ироқ оғоз ёфт, маблағҳои мазкур дар навбати аввал на ба аҳолии гурусна ва бачагони фавтида, балки барои баланд бардоштани иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ ва хариди силоҳи замонавӣ харҷ гардиданд.

Тамоми ташкилаҳо, нигоҳ доштани артиши микдораш аз 450 ҳазор нафар зиёд, ки амалан дар минтақа аз ҳама пурқувват буд, ба он илова кардани подразделенияҳои сершумори фидоиён—ҷангараҳо, бо силоҳу техникаи ҳарбии замонавӣ таъмин кардани онҳо бешаку шубҳа, маблағи зиёдеро талаб мекард.

Ва ин маблағҳо аз куҷо ҳосил мешуданд? Онҳо дар навбати аввал, аз ҳисоби қарордодҳои азхудкунии захираҳои нафт, фурӯши нафт тавассути шабакаҳои мухталиф, ҳамчунин вомҳо гирифта мешуданд, ки ба Ироқ пешкаш мегардиданд.

Имрӯзҳо қарздории берунаи расмии Ироқ аз рӯи баъзе маълумотҳо беш аз 100 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Аҳли ҷамъияти ҷаҳониро далелҳои сершумор, вақте ки дар ин ё он ҷо захираҳои мухталифи силоҳи кимёвӣ ва биологӣ, захираҳои гулӯлаҳо ва лавозимоти ҳарбӣ нигоҳ дошта мешаванд, таъкид гардида, дар таркибашон моддаҳои хавфноки заҳрогинро дошт, ба бефарқ нигаҳ накардан водор сохт.

Дар ин вазъият, албатта, ба як қатор изҳоротҳо ва пешгӯиҳо розӣ шудан ва бовар кардан мумкин нест, ки таъкид ёфтанд: Ироқ то оғози амалиётҳои ҳарбӣ мамлакати сусту безарар гардидаасту амалан ба касе таҳдид оварда наметавонад.

Дӯстони азиз!

Ҳақиқати аз ҳама даҳшатнок, ки ба ҷомеаи ҷаҳони тамаддун баъди амалиётҳои даҳшатовари террористии 11 сентябри соли 2001 дар Нью-Йорк гардид, дар он зоҳир мегардад, ки ҷаҳон дар оғози садаи XXI ба марҳалаи нави худ ворид мегардаду мафҳуми барои ҳамагон анъанавии фаҳмои ҷанг амалан кӯҳна мегардад.

Баъди ин воқеаҳои фоҷиабор барои тамоми мамлакатҳо, аз он ҷумла, аз ҳама муқтадир, ки соҳиби силоҳи аз ҳама замонавии аниқ мебошанд, амалан он чиз возеҳу равшан гардид, ки ҳифзи худ, халқи хеш аз ин таҳдиди даҳшатовар, ки имрӯзҳо ба арса баромадааст, ҳифз кардан ва наҷот ёфтан аз терроризму мутассибии байналхалқӣ бо он усулиятҳое, ки пештар истифода бурда мешуданд, номумкин аст. Ва он ба ҳамагон возеҳу равшан гардид.

Он чизро барои худ тасаввур кардан душвор нест, ки агар ба дасти террористон ва мутассибони динӣ силоҳи қатли умум расад, новобаста ба он ки вай силоҳи ядроӣ, биологӣ аст, чӣ рух медиҳад. Охир, дар дараҷаи кунунии рушди нақлиёт ва коммуникатсияҳо барои ба даст овардани силоҳи мазкур амалан сарҳад нест ва масофа фарқе надорад.

Ба он танҳо як чиз—муттаҳид сохтани саъю кӯшиши тамоми мамлакатҳо ва халқҳоро муқобил гузоштан зарур мебошад. Ягон кас аз ин мубориза дар канор буда наметавонад. Дар ин бобат бо терроризм ва шаклҳои сершумори зуҳур ёфтани он бозӣ кардан мумкин нест ва ба он умедвор шудан ҳам мумкин нест, ки ин офат ба ӯ таъсир расонда наметавонад.

Боз як далел. Бояд роҳе пешгирӣ, он режим ва он шахсиятҳое боздошта шаванд, ки ҳатто як бор ин силоҳро ба муқобили якдигар, аз он ҷумла ба муқобили аҳолии осоишта истифода бурдаанду имрӯзҳо талабҳои ҷомеаи ҷаҳониро рад карда меоянд.

Ҳар як далел, ҳар як имконият дар ин бобат, ки силоҳи маҳви умумии сохташуда дар дасти ин ё он мамлакате буда метавонад, ки аз ҷониби муассисоти байналхалқӣ, минҷумла СММ назорат карда намешаванд ва ё ба назорат кардан мансуб дониста нашудаанд, он огоҳии ҷиддӣ аз хавфе мебошад, ки метавонад офат оварад ва онро фардо ӯҳда кардан мумкин нест.

Акнун дар бораи изҳоротҳое, ки дар он эътироз дар ин бобат баён гардидаанд, ки амалиётҳои зидди Ироқ ба мамлакати соҳибихтиёр бидуни резолютсияи дахлдори ША СММ амалӣ гардонда шуд, мухтасар ҳарф заданиам.

**Аввало.** Зиёда аз 12 сол аз ҷониби С.Ҳусейн бозиҳо бо комиссияҳои сершумор ва намояндагони ваколатдори СММ карда шуд, ки ба мақсади назорати иҷрои қарорҳои қабулгардида оиди таъмини бесилоҳгардонии Ироқ фиристода шуда буданд.

Бисёр далелҳоро овардан мумкин аст, ки комиссияҳои мазкур намоишкорона аз Ироқ бароварда шуданд. Шояд С. Ҳусейн ҳақиқатан ба он боварӣ дошт, ки оид ба муҳофилати байниҳамдигарии салтанатҳое, ки манфиатҳои худиро дар Ироқ доштанд, бозӣ кардан мумкин асту ба ғайр аз муҷозоти иқтисодӣ нисбати Ироқ аз ҷониби Шӯрои Амнияти СММ дигар тадбири сахт андешида намешавад.

**Дуюм.** Ва онро сафед кардан мумкин нест, ки дар таърихи на он қадар дурамон бисёр далелҳоеро медонем, ки бисёр амалиётҳои ҳарбии ба ҳудуди давлати мустақил—узви СММ бидуни муҳокимаи ҳамаҷониба дар утоқҳои кории Шӯрои Амнияти СММ ба рӯи об бароварда шудаанд.

Ворид шудани қӯшунҳои шӯравиро ба Афғонистон соли 1979 таҳти шакли расондани ба ном кӯмаки байналмилалӣ ба халқи бародари Афғонистон ба ёд овардан кофист.

Дар айёми худ аз ононе, ки ин таҷовузро амалӣ гардонанд ва дар натиҷаи он миллионҳо афғонҳо фавтиданд ва ё гуреза гаштанд, аз рӯи замин даҳҳо ва садҳо қарияҳои аҳолинишин рӯфта партофта шуданд, дар ин бора на танҳо худи халқи афғонро пурсиданд ва ҳатто масъаларо дар ин бобат ба ША СММ ҳам нагузоштанд.

**Сеюм.** Зиёда аз 20 сол ҷанг дар Афғонистон давом кард. Масъалаи қатъ гардондани ҷанг ва таъмини мӯътадилӣ дар минтақа дар бисёр маҷлисҳои Ассамблеяи Генералии СММ муҳокима гардида, даҳҳо резолютсияҳои Шӯрои Амният қабул гардиданд.

Комиссияҳои сершумори ваколатдор ва ҳайати вакилони бомасъулияти СММ, ки ба боздоштани хунрезӣ ва бесарусомонӣ дар ин мамлакат даъват шуда буданд, фиристода шуданд.

Амалан беҷазо мондани толибоне, ки ҳокимиятро ба даст гирифта, ягон меъёри байналхалқиро ба назари эътибор намегирифтанд, ба кадом натиҷа ва чӣ оварда расонд?

Афғонистон аз рӯи моҳияти худ машқгоҳи терроризми байналхалқии бераҳм, мутаассибону ақидапарастони динӣ гардид, ки на танҳо ба минтақаи калонмиқёси Осиёи Марказӣ, балки саросари ҷаҳон таҳдиди воқеиро ба вуҷуд овард.

Ба касе сир нест, ки толибон ва гурӯҳҳои сершумори террористон дар мамлакати мазкур аз тарафи марказҳои байналхалқии экстремистӣ ва васоятгарони худ аз бисёр мамлакатҳои ҷаҳон кӯмаки калони молиявӣ гирифтанд.

Нақшаи онҳо танҳо бо дасисакорӣ ва терроризм дар мамолики Осиёи Миёна маҳдуд намегардид, онҳо дар назди худ мақсади пурра аз маҷрояш баровардани вазъият дар минтақа ва ишғол намудани ҳудуди мамлакатҳои ҳамсоя, аз он ҷумла Ӯзбекистонро ҳам пеш гузошта буданд.

Мо дар ин бора ҳарф задан соҳиби иттилооти зарурӣ мебошем.

Махсусан вазъи ташвишовар соли 1998 ва солҳои минбаъда, вақте ки толибон бевосита ба сарҳадҳои мо ба Амударё баромаданд, сар зад.

Дар чунин айёми ташвишовар тамоми муроҷиат ва даъватҳои мо дар бобати расондани кӯмак дар ҳаво муаллақ монданд. Ба ғайр аз изҳоротҳои умумӣ ва боварикунонӣ дар доираи Шартномаи амнияти коллективии ИДМ, ки то соли 2000 Ӯзбекистон дар таркиби он буд, мо ягон кӯмаки амалӣ нагирифтем.

Агар воқеаҳои фоҷиабори сентябрии соли 2001-уми Нью-Йорк рух намедоданд, дар он сурат чӣ тавр сурат гирифтани воқеаҳои минбаъда ва дар кадом вазъият мондани давлатҳои Осиёи Миёнаро имрӯзҳо тасаввур кардан душвор мегардид.

Танҳо созмон додани муоҳидаи зиддитерроризм таҳти сарпарастии ИМА, торумор кардани толибон, машқгоҳҳо ва базаҳои террористон моро аз ин таҳдиди даҳшатнок халос намуд ва мо бояд онро ҳаргиз фаромӯш накунем.

Ва он мисоли равшан дар ин бобат мебошад, ки чунин рушди воқеаҳои манфӣ ба ин ё он мамлакат, вақте ки мо ба он заифона муносибат мекунем, ба кадом оқибатҳои фоҷиовар расонданаш мумкин аст.

**Чорум.** Мо бояд аз нигоҳ доштан ва таҳкими обрӯи чунин ташкилоти аз рӯи таъиноту мақсадҳояш нодир, аз қабили СММ манфиатдор бошем.

Имрӯзҳо дар ин бобат ягон кас баҳсу мунозира карда наметавонад.

Дар айни замон бисёр воқеаҳои даҳсолаи охир, махсусан бо назардошти ба анҷом расидани ба ном «ҷанги сард» ва ба арсаи ҷаҳонӣ баромадани таҳдидҳо ва даъватҳои нави зидди амнияти байналхалқӣ, аз он ҷумла ҳавфи воқеии паҳншавии силоҳи қатли умум, ба назари мо, тезонданиислоҳотро дар бобати аз нав дида баромадани нуктаҳои Оинномаи СММ, ҳамчунин сохтори ташкилоти номдори он—Шӯрои Амният, қабули тадбирҳои ғайриоддӣ, зиёда аз ин босамари муносибатро ба он исроркорона талаб мекунад, ки пеши роҳи одамони қабеҳниятро оиди халалдор сохтани ҳаёти орому осоиш ва фаровон мебандад.

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Мехостам диққату эътибори шумоёнро ба боз як масъалаи муҳим ҷалб созам.

Тамоми онҳое, ки рафти воқеаҳои Ироқ ва атрофи онро муоина мекунанд, ба он диққату эътибор дода бошанд даркор, ки воқеаҳои мазкур аз ҷониби воситаҳои ахбори оммавии бисёр мамлакатҳо чӣ тавр равшан гардиданду мегарданд, чӣ гуна шарҳҳоро додаанд, пешгӯӣ ва тахминҳояшон аз оинаи шабакаҳои телевизион ва саҳифаҳои матбуот чӣ гуна буд.

Амалан ҳамон амалияе, ки дар рӯзҳову ҳафтаҳои аввали амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Афғонистон буданд, такрори худро пайдо карданд.

Бисёр таҳлилгарон ва сиёсатмадорони баобрӯву соҳибмартаба, сарварони ҳарбии собиқу кунунӣ аз оинаи телевизорҳо аз оғози амалиёти ҳарбии Ироқ онро ҳамчун оғоз ёфтани ҷанги сеюми ҷаҳон гӯён хеле ҷиддӣ ҳарф заданд, пешгӯиҳо карданд, ки садҳо ҳазор одамон фавтида, миллионҳо одамон гуреза мегарданд, дар натиҷаи бомбаборонкунӣ даҳҳо шаҳрҳо ва қарияҳои аҳолинишин ба хок яксон мешаванд ва тамоми минтақа дар доираи фалокати гуманитарӣ мемонад. Офат ва вазъияти муташанниҷро дар дигар минтақаҳои сайёра ҳам мунтазир шудан мумкин аст ва ғайраву ҳоказо.

Чӣ гуна пешгӯиҳо карда нашуданд: ҷанги душвори дурудароз дар пеш аст, пойтахти Ироқ-Бағдод ба қасри фатҳнопазир мубаддал мегардаду дар он ҳар як хона ва ҳар як кӯча монеаи пуриқтидор дар сари роҳи қувваҳои истилогар мегардад, ҳар як сокини Ироқ барои хун рехтан ва додани ҳаёт барои С.Ҳусейн тайёру омода мебошанд.

Ҳиссиёт дар ин бобат то ба дараҷае расид, ки яке аз арбобони динӣ бар зидди амрикоиён ҷиҳод эълон кард.

Дар ҳамаи он ҳисси ҳусну тафоҳуми пинҳона нисбати С.Ҳусейн, пазмонӣ аз айёми барабасрафта, вақте ки муносибатҳо ва ҳамкорӣ байни онҳо наздику хурсандиовар буд, намудор шуда меистод.

Ҳамаи мо гувоҳ бар он гардидем, ки дар ҳаёт кулли он вазъиятҳо тамоман дигар будааст. Дар рӯзи 20-уми оғози амалиётҳои ҳарбӣ подразделенияҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА ба шаҳри Бағдод даромаданд, амалан ба ягон муқовимати ҷиддӣ рӯ ба рӯ нагардиданд.

Афсона дар бораи иқтидори ҳарбӣ ва қувваи рӯҳии қӯшунҳо ва гурди ҷумҳурии С.Ҳусейн ба тезӣ ошкор гардид.

Талафоти ҳарбиён ва одамони оддӣ дар рафти ба рӯи об баровардани амалиётҳои ҳарбӣ, вайронгариҳо, микдори зиёди гурезагон, ки дар ин бора пештар борҳо ва боисрор ҳарф зада буданд, амалан тасдиқи худро наёфтанд. Талафот буд, вале онҳо микдори камро ташкил дод.

Дар айни замон, аҳолии Ироқ, аз он ҷумла Бағдод, ки вақти тӯлонӣ дар зери фишори режими диктатории С.Ҳусейн буду мунтазам дар зери хавфу хатар барои ҳаёташ ва ҳаёти фарзандонаш зиндагонӣ мекард, бо рӯҳбаландӣ ва эътимоди калон қувваҳои қӯшунҳои иттифоқчиёнро пешвоз гирифтанд. Ва он далели раднашаванда мебошад.

Ва то кадом дараҷа тартибу қонуният дар давлат ҷорӣ карда мешавад, чӣ тавр худи ироқиён ба раванди мазкур ҷалб карда ва ба онҳо то чӣ дараҷа имконият фароҳам оварда мешавад, ки вазъиятро мушаххас арзёбӣ кунанд ва чӣ рух доду чӣ дар атрофашон рух доданаш мумкин аст, аз ҳама муҳимаш чӣ тавр аҳолӣ мақсадҳои асосии амалӣ гардондани амалиётҳои ҳарбиро дар Ироқ дарк мекунанд, ҳамон қадар равандҳои мусбӣ дар мамлакат зиёд мешаванд. Ва он ногузир аст.

Мӯҳтарам ҳамватанон!

Пеш аз он ки дар бораи мавқеи мо оид ба ҳаллу фасли муаммои Ироқ аз чӣ иборат буду иборат аст, ҳарф задан, зарур мехисобам ба далелҳои таърихи на он қадар дурамон муроҷиат кунам.

Сухан дар ин бобат аз хусуси мавқеи принсипиалие, ки Ӯзбекистон оиди ҷонибдории нақшаҳои стратегии ИМА ва муоҳида оид ба гузарондани амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Афғонистон пеш аз ҳама меравад. Мехостам ба хотир оварам, ки ин мавқеи возеҳу равшан ва қатъӣ аз ҷониби мо то сар шудани амалиётҳо, вақте ки кебишгарон нисбати ҷонибдорон бештар буданд, изҳор карда шуд ва ҳамон вақт амалиёти мазкур ба чӣ гуна оқибатҳо оварданашро пешгӯӣ кардан душвор буд. Яъне, ҳамон вақт, дар шароити вазъи ғайриоддии бӯҳронӣ, мавқеи мо аз конюктурӣ орӣ буд. Мавқеи принсипиалии Ӯзбекистон ва муносибати мо нисбати муаммои Ироқ ҳангоми маҷлисҳои НАТО ва СЕАП дар Прага моҳи ноябри соли 2002 ва ҳангоми муҳокимаи муаммоҳо дар утоқи кории Шӯрои Амнияти СММ баён гардида, баъдтар дар изҳороти роҳбарияти мамлакат ва Вазорати умури хориҷаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон тасдиқи худро ёфта буд.

Мо якдилона дуруст будани муносибат ва асоснокии мавқеи ИМА-ро оид ба ҳаллу фасли муаммои силоҳпартоии Ироқ ҷонибдорӣ кардем.

Маълум аст, ки сиёсат ва таклифҳои ИМА, Британиёи Кабир ва иттифоқчиёни онҳо чӣ тавр ба танқиди сахт гирифтор шуданд, чӣ тавр саъю кӯшишҳо зоҳир гардиданд, то ки барои амалӣ гардондани онҳо роҳ нагузоранд.

Имрӯзҳо дар бораи натиҷаҳои хотимавӣ ва оқибатҳои гузарондани амалиётҳои ҳарбӣ дар Ироқ ҳарф задан барвақт мебошад.

Вале, вақте ки аз оинаи нилгун дар чеҳраи ироқиён хушу хурсандиро мебинед, ҷавонон, куҳансолону муйсафедонеро, ки ҳарбиёни амрикову инглисро хушу хурсандона пешвоз мегиранд, муоина мекунед, пай бурдан душвор нест, ки бисёр чиз ба ҷои худ оварда мешавад.

Вожгуни режими мустабиди С.Ҳусейн, ки ба сари халқи Ироқ бисёр офатҳо, қашшоқӣ ва маҳрумият ва бадбахтиро овардааст, ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз ҳудуди он бешакку шубҳа бо рӯҳбаландӣ ва эътимоди калон пазируфта мешавад.

Онҳо ба он эътимод доранд, ки билохир давраи диктатурӣ ва қонуншиканӣ гузаштаасту пешомадҳои наврo боз намудаасту сулҳу салоҳ ва осудаҳолиро мебахшад, муқовимати беҳад ва ҷангҳо бо давлатҳои ҳамсоя қатъ мегарданд, мамлакат бо роҳи навсозӣ ва рушди демократӣ пеш меравад.

Ба фикрам, имрӯзҳо кам андар кам одамонеро дарёфтан душвор аст, ки ба муқобили ин дурнамо меравад.

Ва албатта, мақсади асосии амалӣ гардондани амалиётҳои ҳарбӣ— қатъ гардондани ихтироъ, истифодабарӣ ва безарар гардондани силоҳҳои кимёвӣ ва биологиро, ки дар дасти режими Саддам Ҳусейн ва террористони байналхалқӣ мебошанду метавонанд ба вазъи душвори пешгӯинашаванда оварда расонанд, надидан мумкин нест.

Мехостам, бори дигар он чизеро такроран бигӯем, ки борҳо ба забон гирифтаам.

Оре, дар ҷаҳон инсони ақлаш солим ва мамлакати ботамаддунеро ёфтан душвор аст, ки ҷангу набардро ихтиёр кунад.

Дар айни замон мо далелҳои сершуморро медонем ва дар ин бора дар боло ҳарф задем, ки таҳаммули дурудароз ва ҷазонадиҳӣ нисбати он, ки мунтазам меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардида, қарору резолютсияҳои СММ-ро мунтазам рад намуда, онро ба назари эътибор намегиранд, нисбати онҳо наандешидани тадбирҳои саривақтӣ ба фалокат оварда расонданаш муқаррар аст.

Агар бо забони оддӣ баён кунем, бадиро саривақт пешгирӣ кардан ва бесилоҳ гардондан зарур аст. Набошад фардо мубориза бурдан бо оқибатҳои фоҷиовари он, ки дар саросари ҷаҳон ин бадиро паҳн карданаш мумкин аст, ниҳоят душвор мегардад.

Мо дар Ӯзбекистон возеҳу равшан тасаввур мекунем, ки чӣ қадар қувваву ғайрат, аз ҳама муҳимаш воситаи бузурги зарурӣ лозим аст, то ки Ироқ ба ҳаёти осудаҳолона баргардад, бисёр корҳоро ба иҷро расондан лозим аст, то ки эътимоди ироқиён ба ҳаёти фардоинаи осоиштаи мӯътадил қавитар гардонда шавад.

Ва дар ин ҷо, албатта, бидуни ҷалб кардани кӯмаки ҳамаҷонибаи байналхалқӣ, ҷустуҷӯи захираҳои зиёди молиявӣ ва моддӣ кор буд намешавад.

Дар Ӯзбекистон Ироқ, халқи меҳнаткаши онро хуб медонанд. Ба мо эътиқод, анъанот ва фарҳанги бисёрасринаи ироқиён наздик аст.

Бисёриҳо хуб дар хотир доранд, ки намояндагони Ӯзбекистон—лоиҳакашон, бинокорон, муҳандисон ва мутахассисон солҳои 60-80-уми садаи гузашта дар сарзамини Ироқ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, дар навбати аввал, дар соҳаи энергетика, обёрӣ ва сохтмони иншоотҳои обёрикунӣ кор кардаанд. Ва ҳамаи онҳо хотираи хубро аз ин солҳои корҳои муштаракона бо ироқиён доранд.

Ба фикрам, шумоён, мӯҳтарам вакилони халқ бо ман дар ин бобат ҳаммаслак мегардед, ки Ӯзбекистон дар ин рӯзҳо ҳам аз ин маърака дар канор намемонад ва ҳиссаи муносибро барои барқароркунии осоиштаи Ироқ, амалӣ гардондани лоиҳаҳои гуманитарӣ, расондани кӯмаки тиббӣ, сохтмони роҳҳо ва коммуникатсияҳо мерасонад.

Дар ин бобат мӯътақид ҳастам, ки алҳол на танҳо азму иродаи шумоён, балки ҳисси самимонаи таманнои тамоми халқамонро оиди фаровонӣ, сулҳу салоҳ ва ваҳдат ба халқи Ироқ, комёбиҳо дар муборизаи он барои ояндаи дурахшон баён месозад, ифода менамоям.

Ғамхори мо—худи мо

# Лоқайдӣ ё ки «Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам...»

**(Мулоҳизаҳо баъди озмуни вилоятии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик)**

Боиси хурсандист, ки ҳоло дар қатори дигар фанҳо барои талабагони мактабҳои тоҷикии ҷумҳуриятамон озмуни фанҳои забон ва адабиёти тоҷик низ амал мекунад ва онҳое, ки дар марҳалаи саросарӣ, яъне ҷумҳурӣ сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм мегарданд, аз имтиёзи бидуни имтиҳоноти қабул донишҷӯи мактаби олӣ гардидан бархурдор мешаванд.

Шукр, ки чанде пеш ва ду соли охир аз байни хатмкунандагони мактабҳои тоҷикии (аниқтараш имрӯз дузабонаи) вилояти Бухоро низ ғолибони озмуни ҷумҳурии забон ва адабиёти тоҷик ба воя расиданд.

Соли хониши ҷорӣ низ дар марҳалаи вилоятӣ озмуни фанҳои забон ва адабиёти тоҷик чун пештара ғолибони марҳалаи дуюм (ноҳиявӣ) аз ноҳияҳои Шофиркон, Пешкӯ, Рометан иштирок намуданд. Ба муаллифи ин сатрҳо лозим омад, ки бо ҳамроҳии равишомӯзони мактабҳои тоҷикии ноҳияҳои Пешкӯю Рометан муаллим Рӯзиев ва Дилбар Олимова ба озмун доварӣ намоям. Мувофиқи низом дараҷаи дониши талабагони синфҳои IX, X, XI дар давоми панҷ рӯз аз рӯи се намуд: иншо, қироати шеър ва сӯҳбат аз рӯи асарҳои мустақил омӯхташуда, санҷиши дониши талабагон аз рӯи тест (ба воситаи компутер) муайян карда шуд. Бояд таъкид намуд, ки баҳои муносиб гирифтани дониши шогирдон пеш аз ҳама ба дараҷаи адлхоҳию холисии доварон вобаста аст. Ба фикрам, ҳаммаслакӣ байнамон даст дод ва ҳеҷ кас бар хилофи виҷдон қадаме нагузошт. Оқибат дар чеҳраи наврасон осори қаноатмандӣ эҳсос мешуд.

Ғолибӣ ба хонандаи синфи IX мактаби миёнаи №9-и ноҳияи Пешкӯ Умеда Бахромова, толибаи синфи X мактаби миёнаи №24 ноҳияи Рометан Дилора Ҷалолова, шогирди синфи XI мактаби миёнаи №20 ноҳияи Шофиркон Иқбол Усмонова насиб кард.

Ба Иқбол Усмонова имконияти қувваозмоӣ дар озмуни ҷумҳурӣ пайдо шуд ва ӯ дар озмуни ҷумҳурӣ ҷои фахрии сеюмро ишғол кард.

Дар озмун хонандагон Заррина Абдуллоева (синфи IX, мактаби №23 ноҳияи Рометан), Зулайхо Раҳимова (синфи X, мактаби №9, ноҳияи Пешкӯ), Алишер Тошев, Гулмира Тоҳирова (синфи XI, мактаби ихтисосонидашудаи №5, ноҳияи Шофиркон; синфи XI, мактаби №24 ноҳияи Рометан), Севара Султонова (синфи IX, мактаби №20 ноҳияи Шофиркон), Сарвинисо Шодиева (синфи X, мактаби ихтисосонидашудаи №5, ноҳияи Шофиркон), Маҳфуза Муҳаммадова (синфи XI мактаби махсуси №5 ноҳияи Шофиркон), Сурайё Идиева (синфи X1 мактаби № 10 ноҳияи Пешкӯ) фаъолона иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои фахрӣ гардиданд.

Дар ҷараёни озмун бори дигар ошкор гардид, ки фонди китобҳои тоҷикии мактабҳо ночиз аст. Талабагон ба ғайр аз чорпанҷ китоб ба забони модарии худ адабиёти дилхоҳро пайдо карда наметавонанд. Тасаввуроти онҳо дар бораи асарҳои адибони гузаштаю имрӯзаи мо маҳдуд аст.

Дар шароити мураккаби давраи гузариш мавҷуд будани чунин норасоиҳо ба чашм табиӣ менамояд. Албатта дар муддати кӯтоҳ бартараф намудани онҳо чандон кори осон нест. Вале гап дар ҷои дигар: китобхонаҳои мактабҳоямон ин дараҷа муфлису хароб набуд. Чанде пеш онҳоро китобҳои зиёди адибони классикию муосирамон, луғату қомусҳои зиёд аз қабили асарҳои Фирдавсию Саъдӣ, Ҳофизу Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифию Аҳмади Дониш, луғати русӣ-тоҷикӣ (72 ҳазор калима, чопи Маскав, с.1985) ва ғайра зеб медод. Иллат дар он аст, ки баъзан лоқайдию маҳдудкорӣ намуда, ба ҷои салла калларо мегирем.

Боре ба китобхонаи мактабамон даромада ба хирмани бетартиби китобҳо чашм давонда, ҳайратам афзуд. (Афсӯс, ки аксарияти онҳоро асарҳои нодири классикиамон ташкил мекард).

— Инҳоро чӣ кор мекунед?

— Ба макулатура месупорем.

— Чаро?

— Дар онҳо навиштаҷоти «РСС», «СССР» ҷой дорад.

— Ин ҳама дар муқова як ё ду калимаро ташкил мекунад. Охир «ба кайк ситеза карда кӯрпаро намесӯзанд». Онро бо қалам хат задан мумкин аст.

—Ба мо ҳамин хел супориш доданд...

Ҳамин гуна муносибат ба сари китобҳои зиёди дарсию адабии мо об рехт.

Хотира. Чанд сол муқаддам ба ҳавлии мактаб баромадаму присепи пурбори китобро дида, ба чизе сарфаҳм нарафта будам. Китобҳои зиёдро барои макулатура мебурданд. Китобдори мактаб он ҷо меистод. Беихтиёр болои присеп баромада, асарҳои Шароф Рашидов ва портрети ӯро дида «дилам сӯхт». Романҳои «Бӯрондан кучли», «Қудратли тӯлқин»-ро ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна хонда, хеле мутаассир гардида будам. Онҳоро бо худ гирифта, ба ҳавлӣ овардам. Боварӣ доштам, ки ин ҷо нофаҳмие сар задаасту рӯзе ҳақ ба ҷои худ қарор мегирад. Муддате гузашту 75 солагии Ш.Рашидовро дар саросари ҷумҳурӣ пешвоз мегирифтанд. Дар хоҷагии мо ҳам низ (вай номи Ш.Рашидовро ба худ гирифт) ба ҷашни адиб ва арбоби давлатӣ корҳои тайёрӣ оғоз ёфт. Маълум шуд, ки дар он роҳбарони ноҳия иштирок мекардаанд. Вале мутасаддиён аз ягон ҷой портрет ва асарҳои ӯро пайдо карда наметавонистанд. Рӯзе китобдори мактаб ба дафтари кориам даромад. Вай аз ман ҳамон портрет ва асарҳои Ш.Рашидовро, ки ҳангоми гирифтанам дида буд, пурсид. Ман ба ӯ суди дурандеширо таъкид намуда, рӯзи дигар онҳоро овардам. Ниҳоят дар ҷамъомади бонуфуз (он дар маҷлисгоҳи мактаби мо ба амал омад) портрету асарҳои адибро дар пешгаҳ дида сарфароз гардидам.

xxx

Хонандагон иншо менавиштанду шарикам методисти шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Пешкӯ Рӯзиев ба ман рӯ овард:

—Ин рӯзҳо ҳам ғанимат, озмуни забон ва адабиёти тоҷик дар вилоятамон аз се-чор сол зиёд давом намекардагист...

Дилам таҳ кашиду беихтиёр пурсидам:

—Чаро?

—Мактабу синфҳои тоҷикӣ сол то сол маҳдуд мегардад.

Дарвоқеъ, ин гуфтаҳо беасос наянд.

Ҳоло дар вилоят мактаби соф тоҷикӣ намондааст. Агар соли хониши гузашта дар вилоят 15 мактаби тоҷикию ӯзбекӣ вуҷуд дошта бошад, онҳо дар соли хониши ҷорӣ ёздаҳторо ташкил мекунанд.

Имсол фақат дар ноҳияи Шофиркон се синфи якуми тоҷикӣ (хонандаи се синф 45 нафар) қабул гардид. Дар ноҳияҳои Пешкӯю Рометан синфи якуми тоҷикӣ нест. (Дар Рометан чор сол инҷониб синфи якуми тоҷикӣ қабул намегардад). Дар баъзе мавридҳо бо хоҳиши падару модарон синфҳои болоӣ (тоҷикӣ) забони таълими худро тағир медиҳанд. (Ин ҳолат дар шаҳри Бухоро, ноҳияҳои Бухорою Вобканд низ ба амал омадааст).

Пӯшида нест, ки Қонуни Асосӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ дар қатори забони давлатӣ рушди дигар забонҳои халқҳои маскуни ҷумҳуриятамонро ҳаматарафа ҷонибдорӣ мекунад. Як қатор мактабу донишкада ва воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳурӣ ба забонҳои гуногун, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ фаъолият нишон медиҳанд.

Хуш, пас ба камшавии мактабҳо ба забони модариамон сабаб чист?

Ҳар боре, ки бо омӯзгорони мактабҳои тоҷикӣ рӯ ба рӯ гардам, бисёре аз онҳо дар бораи душвориҳо ва номусоидии шарти қабули мактабҳои олӣ нисбати хатмкунандагони мактабҳои забонашон ғайридавлатӣ шикоят мекунанд ва сабаби асосии маҳдудшавии таълим ба забони модариро дар ҳамин мебинанд.

Албатта ман ҷой доштани чунин душвориро инкор намекунам, балки дар мақолаи худ «Эътибор ба мактабҳои тоҷикӣ» («Овози тоҷик», 7 феврали соли 2001, № 11) онҳоро таъкид намудаам.

Агар ҷоиз бошад, як воқеаеро гуфтан мехоҳам. Қариб чор сол муқаддам писарам мактаби миёнаро ба забони тоҷикӣ бо шаҳодатномаи аъло хатм намуда, барои идомаи таҳсил ба шаҳри Тошканд рафт ва бинобар душвории дар боло гуфташуда ба донишкада дохил шуда натавонист. Вай дар шаҳри Бухоро даҳ моҳ дар курси махсус аз омӯзгорони болаёқат дар қатори фанҳои кимёю биология, забон ва адабиёти ӯзбекро омӯхт ва такроран ба ҳамон институти дорусозӣ ҳуҷҷат супурд.

Пеш аз имтиҳон ба қабули раиси ҳамонвақтаи Суди конститутсионии ҷумҳурӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ Б.Эшонов даромада, аз хусуси душворӣ—ҳатмӣ будани супоридани имтиҳони тест аз фанҳои омӯхтанашудаи забон ва адабиёти ӯзбек дар мактабҳои тоҷикӣ арз кардам. Вай фикрамро то охир шунид, асоснок будани даъвои маро эътироф намуд ва гуфт:

— Бояд сабр кунед. Фарзандатон имтиҳонҳоро супорад. Ҳар гоҳ ки натиҷааш маълум шуд, эътибор диҳед. Мабодо имтиҳони фанҳои забон ва адабиёти ӯзбек боиси ноомади кораш мешуда бошад, наздам оед, ман ҳатман ёрӣ мерасонам.

Дар дилам шарораҳои умед пайдо шуда, қаноатмандона ба кӯча баромадам.

Имтиҳонҳо сар шуда, натиҷааш чанде пас эълон гардид. Дар ҳақиқат писарам нисбат ба ду фанни аввал аз фанҳои забон ва адабиёти ӯзбек холҳои камтар гирифт. Вале дигар ба рафтан назди раиси Суди конститутсионӣ ҳоҷат намонд. Чунки холҳои баландтарини фанҳои кимёю биология муваффақияти корро таъмин кард.

***

Ба табдили забони таълими ҳамзабонҳоямон ба назарам, омилҳои субективӣ низ сабаб мешаванд.

Дар баъзе мавридҳо шахсони беэътиқод ва хештанношинос роҳбари мактаб таъин мегарданд. Онҳо ба ҷои дастгирии таълим ба забони модарӣ душвориҳои ҷойдоштаро (масалан, норасоии китобҳои дарсӣ...) аз будаш зиёдтар, муҳоботнок маънидод намуда, ба дили мардум (падару модарон) нисбати ояндаи лафзи модариамон тухми нобоварӣ мепошанд.

Баъзан омӯзгорони мактабҳои тоҷикӣ ҳангоми мулоқот бо мо аз хусуси сӯистеъмоли вазифа ва хиёнати сардори худ нисбати забони модарӣ шикоят мекунанд, вале ҳамин ки роҳбар наздашон омад, хомӯш мегарданд.

Маълум аст, ки муроҷиат, шикоят ҳар гоҳ ки расмӣ бошад, он эътиборнок ва санҷида мешавад. Одатан аз онҳое, ки гилаю шиква оғоз мекунанд, агар ному насабашонро пурсед; «Боз маро ном нагиред» мегӯянд. Ин чӣ гуна рафтор: оҷизӣ ё мунофиқист? Чаро муаллимон нисбати рафтори ғайриқонунии ҳамкори худ лоқайданд? Чаро дар машваратҳои педагогии мактаб дар назди ҷомеа аз хусуси ин қабил иллатҳо рӯ ба рӯ ҳарф зада, мӯйро аз хамир ҷудо намекунонанд?

Мутаассифона «ту ба ман нарас, ман ба ту намерасам» гӯён муросо намудан, дар ҷои даркорӣ ба ҷои ошкорбаёнӣ хомӯширо афзалтар донистан оё боиси маҳрумиятҳо намегардад?!

Одатан дар бисёр мавридҳо аз хусуси беадолатӣ ҳарф мезананд, вале на дар ҳама ҷо баҳри пойдории он мадад мерасонанд. Дар ҷое, ки мардум аз ҷиҳати сиёсӣ фаъоланд, он ҷо то андозае ба қонуншиканӣ роҳ дода намешавад ва ҳар ҷое, ки лоқайдию сустӣ, бепарвоию карахтӣ ҳукмфармост, он ҷо ростию ҳақиқат тухми анқост.

***

Ҳарчанд ки баъзеҳо донистаю надониста бесуд будани таълим ба забони модариро «маслиҳат» додан мехоҳанд, аз ҳақиқати оддӣ бехабаранд.

Мисол. Ду-се соли охир даҳҳо нафар хатмкунандагони синфҳои IX ва XI мактаби тоҷикии №7 ба номи А.Фирдавсии ноҳияи Шофиркон дар коллеҷу мактабҳои олии ҷумҳуриявӣ дохил шуда, касб меомӯзанд. Аҷибаш дар он, ки ду нафар хатмкунандаи ҳамин мактаб (хоҳарон Юсуфоваҳо) дар курси дуюми факултаи филологияи ӯзбеки ДДБ (бо кӯмакхарҷии давлатӣ) таҳсил мегиранд. Дар ин бобат мактаб дар байни 60 таълимгоҳи ноҳия ҷои мувофиқро ишғол мекунад.

Боре роҳбарони мактаби дузабонаи №20 ба номи А.Берунии ҳамин ноҳия натиҷаи панҷ-шашсолаи ба мактабҳои олию миёнаи махсус дохилшавии дастпарварашонро ҳисобу китоб намуданд. Маълум шуд, ки хатмкунандагони синфи XI таълимашон тоҷикӣ нисбати тамомкунандагони синфи XI ғайритоҷикии мактаби номбурда бештар ба мактаби олӣ дохил шудаанд.

Беҳуда нест, ки гуфтаанд:

**Ҳар кас, ки ба забони худ**<br>**сухандон гардад,**<br>**Омӯхтани сад забон**<br>**осон гардад.**

***

Дар муддати кӯтоҳи таърихӣ дигаргуниҳои азим рӯх медиҳанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба таълиму тарбияи авлоди наврас ҳамчун ояндаи мамлакатамон пайваста ғамхорӣ зоҳир мекунанд. Нашриёти «Ӯзбекистон» барои шогирдони мактабҳо ба забонҳои гуногун китобҳои дарсӣ чоп мекунад. Аз ҷумла, ба забони тоҷикӣ ҳам. Ҳарчанд ки масъалаи китобҳои дарсӣ ҳанӯз пурра ҳал нашудааст, бо вуҷуди ин сол то сол дар ин бора беҳбудӣ эҳсос мегардад.

Мутаассифона, он мактабҳое, ки замоне фонди китобхонаи худро беғамона ба ҳисоби макулатура супурда буданд, минбаъд аз набудани китоб «роҳи осон»-ро ёфта, аз баҳри таълим ба забони модарӣ гузаштанд.

Дар бобати сариваќт дастрас намудани китобҳои дарсии мактабҳо номураттабиҳо мавҷуданд. Ба қарибӣ якчанд номгӯй китобҳои дарсии тоҷикӣ, ки соли 2000 дар нашриёти «Ӯзбекистон» чоп гардидаанд, дастраси талабагон гардид. Омӯзгорон ҳайрон: наход аз Тошканд то ба мактабҳои тоҷикии вилояти Бухоро расида омадани китобҳои дарсӣ се сол вақт лозим шуда бошад? Кӣ кафил аст, ки ин ҷо низ лоқайдие сар назадааст?

Мегӯянд, ки «ба шутур хор даркор бошад, гардан дароз мекунад», «то бача нагиряд, очааш шир намедиҳад». Ин ҷо айби роҳбарон ва мактабиён низ кам нест. Ҳарчанд ки дар бораи чопи китоби дарсӣ тавассути «Овози тоҷик» хабардор мешавем, барои дар мавридаш дастрас намудани он азму кӯшиши кофӣ наменамоем. Баъзан ҳақиқати оддиро чандон дарк намекунем. Барои мо аз худи мо ғамхортар касе нест.

***

Ғамхории давлатро нисбати таълим ба забони модариамон дар ҳолати зерин алоҳида таъкид намудан мехостам.

Дар ҷумҳуриятамон (аз ҷумла, дар Шофиркон) баъзан ҳатто барои даҳ нафар хоҳишмандони таълим ба забони модарӣ синфи якуми тоҷикӣ мекушоянд. Ҳол он ки дар синфҳои таълим ба забони давлатӣ барои ин миқдор талабагон синфи алоҳида намедиҳанд (ҷудо намекунанд). Худам ба ин борҳо гувоҳ гардидаам. Ин ҳол соли хониши ҷорӣ низ дар мактаби миёнаи №20 ба номи А.Берунии ноҳияи Шофиркон ба амал омадааст. Бояд таъкид намуд, ки талабагони синфҳои ӯзбекии ин мактаб низ дар асл ҳамзабонҳои мо мебошанд.

Ҳарчанд ки ба забони давлатӣ таълим гирифтан барои дохилшавӣ ба мактаби олӣ имтиёзе намедиҳад, бештарини талабагони ин қабил синфҳо дар оянда таълимро дар мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ идома додан мехоҳанд.

Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад. Барои талабаи мактаби олӣ шудан на фақат донистани забон, балки иқтидор ва дониши қавӣ лозим аст. Агар имрӯз хатмкунандаи таълимгоҳи миёна бо дастпарвари мактаби бачагони боиқтидор (гимназия, литсей, коллеҷ) дар бобати илм рақобат карда натавонад, вай ҳаргиз донишҷӯи мактаби олӣ шуда наметавонад. Баъзе падару модарон ин нуктаро дуруст намефаҳманд ва сабаби ноомади кори фарзандашонро ҳангоми имтиҳони қабули мактаби олӣ аз забони таълим меҷӯянд. Онҳо бояд донанд, талабагони синфҳои тоҷикӣ низ ҳоло забони давлатӣ меомӯзанд ва хушбахтона онҳо ба ин забон имрӯз суфтаю равон ҳарф зада метавонанд. «Агар дар дег бошад, ба кафгир мебарояд»—гуфтори ҳикматноки халқро бояд фаромӯш накунем.

Албатта, интихоби забони таълими фарзанд кори шахсии волидайн аст. Вале бояд фаромӯш накард: забони модарӣ атои худост. Ҳар касе, ки қадри забони модариашро медонад, вай ба ролу вазифаи иҷтимоии забони давлатӣ бештар сарфаҳм меравад.

Боиси ифтихор аст, ки забони модарии тоҷикии мо бештар аз ҳазор сол забони давлатӣ буду мероси маънавии мардуми машриқзамин асосан ба ҳамин забон таълиф ёфтааст.

Мегӯянд, ки то бад нагӯем, нек пеш наояд. Ҳоло дар вилоятамон таълим ба забони модарӣ эҳтиёҷ ба эътибор дорад.

Пойдор мондани ин неъмати бебаҳою беҳамто фақат ба дараҷаи худогоҳию хоҳиши худамон вобаста аст. Зеро беҳуда нагуфтаанд: «то реша дар об, умеди самар аст».

**Амрулло АВЕЗОВ,**<br>**хабарнигори**<br>**«Овози тоҷик» дар**<br>**вилояти Бухоро.**



## Пункти духтурии деҳот

*Ислоҳот дар соҳаи тандурустии ҷумҳурият давом карда, ба масъалаи созмон додани муассисаҳои замонавии табобатӣ диққату эътибор калон аст. Ба ин масъала дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд ҳам аҳамияти калон дода, махсусан дар деҳот пунктҳои духтурии замонавии деҳот бештар дари худро боз намуда, ба мизоҷон хизмат мерасонанд. Ба қарибӣ дар деҳаи Юсуфхонаи ноҳия дари худро пункти нави духтурии деҳот боз намуд, ки дар як навбат ба 50 дардманд хизмат расонда метавонад ва аз он сокинони 3,5 ҳазор нафараи деҳаи ниҳоят миннатдор мебошанд.*

***Дар суратҳо: 1.*** *Намуди зоҳирии пункти духтурии деҳот.* ***2.*** *Мудири пункти мазкур* ***Нилуфар Азимбоева****, коркунон* ***Гулмира Ортиқова*** *ва* ***Гавҳар Ҷумъаева*** *ҳангоми муҳокимаи вазифаҳои навбатӣ.*

***Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.***



Иншоотҳои истиқлол

## Мувофиқи нақша

Сохтмони хатти роҳи оҳани «Тошгузар-Бойсун-Қумқӯрғон» аҳамияти калон касб намуда, дар рушди низоми коммуникатсияҳои нақлиётии Ӯзбекистон ва сарҳадҳои ҷанубии он, аз он ҷумла, иқтисодиёт ва инфрасохтори воҳаи Сурхон нақши калоне мебозад. Ва ба истифода супурдану бунёди шабакаҳои нав ба нави таъиноти мухталиф қад-қади роҳ дар бобати бо шуғли доимӣ фаро гирондани одамон ҳам аҳамияти калон пайдо мекунад.

Ва набояд фаромӯш кард, ки он яке аз роҳи аз ҳама зебо ҳам мегардад. Чунки маҳалҳои зебои воҳаи Қашқадарёву Сурхонро ба ҳам мепайвандад. Аз байни кӯҳсори серҷилову табиати мафтункори он ва қиру ёнаҳои аз ҳамдигар зебо мегузарад. Қитъаи «Тошгузар-Деҳқонобод» ва « Бойсун-Қумқӯрғон» солҳои 2003-2005 ва қитъаи «Деҳқонобод-Бойсун» бошад, марҳала ба марҳала солҳои 2004-2007 ба истифода супурда мешаванд.

Дар қитъаи сохтмони роҳ, ки дар вилояти Сурхондарё давом мекунад, алҳол суръати корҳо ниҳоят баланд гардидаанд. Имрӯзҳо дар қитъаҳои сохтмони роҳи «Бойсун-Пулҳоким», «Пулҳоким- Тангимуш», «Тангимуш-Қумқӯрғон» фаъолияти доманадор сурат гирифтааст. Ба корҳои бунёдкорӣ кормандони трестҳои сохтмони иншоотҳои обии «Сурхон», «Шеробод», «Тӯпаланг», «Сариосиё», тресте рақами 702-уми бинокориву васлгарӣ ва дигар ташкилотҳо ҷалб гаштаанд.

Алҳол дар сохтмони роҳи оҳани мазкур беш аз 15 намуд конструксияҳои оҳану бетонӣ истифода бурда мешавад, ки корхонаҳои раёсати махсуси «Каттақум» оид ба истифодабарии роҳҳои автомобилгарди мо истеҳсол мекунад. Дар раёсат техника, технология ва дигар маводҳои зарурӣ басандаанд. Коркунон аҳамияти калон доштани сохтмонро хуб дарк карда, зарбдорона меҳнат мекунанд ва хуб медонанд, ки баробари истифодабарии роҳи нави мазкури оҳан дар поёнкӯҳи Бойсун дар кони Гаҷак сохтмони заводи азнавкоркарди газ оғоз меёбад. Барои боз ҳам вусъат ёфтани ҳаҷми изтихроҷи ангишт дар ҳавзаи ангишти «Бойсун» мусоидат менамояд. Дар айни замон азнавкоркарди партовҳои кон ҳам доманадор гардида, ба пешравии корҳои бунёдкорӣ мусоидат мекунад. Чунки аз ин партовҳо ба сифати масолеҳи бинокорӣ ҳам истифода бурдан мумкин мегардад. Аз ҷумла, гаҷ, оҳак барин масолеҳи бинокорӣ, ки дар Сурхондарё фаровон аст, барои корҳои бунёдкорӣ бештар истифода бурда хоҳанд шуд. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳаҷми сохтмон ва бунёдкориҳо вусъат меёбаду боиси боз ҳам мустаҳкам кардани имкониятҳои иқтисодиёт мегардад. Иқтисодиёт мустаҳкам шаваду бештар рушд ёбад, он маънои боло рафтани сатҳи зиндагонии аҳолиро ҳам дорад. Даҳҳо ҳазор коргоҳи иловагӣ ба вуҷуд оварда шуда, ба доманадор гардидани миқёси сохтмони манзил кӯмаки калон мерасонад.

Алқисса, ин иншооти муҳими истиқлол чӣ аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ ва чӣ сиёсӣ аҳамияти калон касб карда, мувофиқи нақша ба рӯи об баровардани корҳо асоси иҷрои нуктаҳои қарори ҳукуматамон дар бобати сари вақт сохтани он мегарданд.

**Панҷӣ ҚӮЗИЕВ,**<br>**сарвари Раёсати оид**<br>**ба истифодаи роҳҳои**<br>**автомобилгарди «Каттақум»-и вилояти Сурхондарё.**






*Корхонаҳои хусусӣ ҳам дар бобати моломол кардани бозори истеъмолиамон нақши калон мебозанд. Якеи он дар мавзеи Сирғалии ноҳияи Сирғалии шаҳри Тошканд бо унвони «Симбалов» фаъолият пеш бурда, аз рӯи технологияи шведӣ 10 номгӯй маҳсулот тайёр мекунад.*

***Дар сурат:*** *коркунони корхонаи мазкур маҳсули дасти худро намоиш медиҳанд.*

***Аксбардор:***

***Владимир ПОРТНОВ.***

Хонед, шавқовар

## Фазилатҳои рақами ҳафт

Пири тариқат Баҳоваддини Нақшбандӣ рақами 7-ро табаррук донистa, нағз медиданд. Худи Баҳоваддин ҳам дар моҳи ҳафтӯми сол таваллуд ёфта, дар синни 7-солагӣ Қуръони Каримро аз ёд кардаанд. Дар синни 70-солагӣ аз дунё чашм пӯшидаанд.

Фазилатҳои 7-ро одамон ба илоҳӣ вобастагӣ дорад, гӯён тахмин мекунанд. Ба ин бисёр далелҳо мавҷуд: Аз рӯи ақидаи динӣ худо оламро дар 7-рӯз ба вуҷуд овардааст.

1. Дар рӯзи якум нурро ба вуҷуд овардааст.
2. Дар рӯзи дуюм осмонро ба вуҷуд овард.
3. Дар рӯзи сеюм замин, растаниҳоро ба вуҷуд овард.
4. Дар рӯзи чорум Офтоб, Моҳ ва Ситораҳоро ба вуҷуд овардааст.
5. Дар рӯзи панҷум ҳамаи ҳайвонҳоро ба вуҷуд овард.
6. Дар рӯзи шашум одамонро ба вуҷуд овард.
7. Дар рӯзи ҳафтум дам гирифтааст.

Осмон ҳам аз 7 қабат иборат буданашро Муҳаммад пайғамбар дар шаби меҳроҷ баромадан дидаанд. Дар осмон ситораҳои 7 - додарон, ситораҳои Ҳулкар ҳам 7 дона, Хирси калон ҳам 7 ситора дорад.

Замин ҳам аз 7 қабат иборат.

Қуръони Карим бо сураи Фотиҳа сар мешавад, ки вай ҳам аз 7 оят иборат.

Дили Қуръони Карим сураи «Ёвин» буда, вай ҳам аз 7 мубийн иборат.

Имон ҳам аз 7 фарз иборат.

Нури офтобро аз призма гузаронед, ба 7 ранг ҷудо мешавад. Сурх, қирмизӣ, сабз, зард, кабуд, ҳаворанг ва бунафша.

Моҳтоб ҳам дар як моҳ чор маротиба бо 7 рӯзӣ тағир ёфта меистад.

Модда ҳам дар 7 ҳолат меистад. Сахт, обакӣ, газ, плазма, нейтрон, эпиплазма, вакуум.

Дар дасти инсон ҳам 7 қатор устухон ҳаст. Ба пойи инсон ҳам 7 қатор устухон ҳаст. Қабурғаҳои инсон ҳам 7 ҷуфт буда, дар ду тарафи тана ҷой гирифтааст. Устухони гардани инсон ҳам аз 7 қисм иборат аст. Рақами 7 - ро аз қадим муқаддас ҳисобидани инсонҳо аз ҳамин сабабҳои дар боло нишондода иборат бошад даркор?

А. Навоӣ дар достони «Саъбаи сайёр» ба рақами 7 бисёр зарбулмасалҳои халқиро нигоҳ доштаанд: 7 хазина, 7 мӯъҷиза, 7 иқлим, 7 баҳодур, 7 рӯза роҳ, 7 рӯза вақт, 7 бор чен куну як бор бур, ҳафта, 7 қабат замин, 7 қабат кӯрпача, 7 бор хам шаву салом деҳ, 7 донишманд, 7 фалак, 7 пушташро донад мард, ғами 7 қитъаро мехӯрад...

Дар сохтмон ҳам рақами 7 - ро бисёр кор фармудаанд. Арки Бухоро бар болои 7 санг, ки ба шакли 7 ситораи 7 додарон аст, сохта шудааст. Шаҳрҳои Истамбул, Рим ва Киев дар болои 7 тал сохта шудаанд. Минораи Эйфел ҳам дар болои 7 поя сохта шудааст.

Дар асри X, шаҳри Бухоро 7 дарвоза дошт ва мамлакаташ ба 7 ноҳия ҷудо карда шуда буд. Ба рақами 7 фақат халқҳои Осиёи Миёна не, балки халқҳои тамоми рӯи замин ба рақами 7 ихлос доранд.

**Эргаш САИДОВ,**<br>**ноҳияи Зафаробод,**<br>**хоҷагии Охунбобоев,**<br>**вилояти Ҷиззах.**

# Навгониҳои Тоҷикистон

### Тайёрӣ ба раъйпурсӣ

Дар асоси қарори ҳокимияти қонунбарории ҷумҳурият дар бобати гузаронидани раъйпурсӣ «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон» маъмурияти вилояти худмухтори Бадахшони кӯҳӣ ба амалӣ гардондани корҳои тайёрӣ ва ташкилӣ шурӯъ намуд.

Ба ноҳияҳо гурӯҳҳои махсуси корӣ фиристода шуданд, ки ба таркиби онҳо намояндагони маъмурияти вилоят, ҳуқуқшиносон, қонундонон ва дигар мутахассисон барои дар байни аҳолӣ тавзеҳ додани моҳияти тағйироту иловаҳое, ки ба Конститутсия ворид карда мешаванд, шомиланд.

Дар телевизион, радио ва воситаҳои ахбори оммавӣ «мизҳои мудаввар» барои муҳокима намудани масъалаҳои алоқаманди гузарондани раъйпурсӣ ташкил ёфтаанд. Дар марказҳои вилоят ва ноҳияҳо гузарондани семинару мулоқотҳо ба назар гирифта шудаанд. Мувофиқи қарори Комиссияи Марказии интихоботи Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар давраи гузарондани раъйпурсӣ дар вилояти худмухтори Бадахшони кӯҳӣ нӯҳ ҳавзаи интихоботӣ дари худро боз мекунад.

### Машқҳои ҳарбӣ

Машқҳои фармондиҳиву штабӣ мувофиқи нақшаи тайёрии ҳарбии Вазорати дифоъ дар ҳудуди вилояти Суғд сар шуданд, ки то охири моҳи апрел давом мекунанд. Машқҳо баробари ҷалб сохтани қисму соединенияҳои Вазорати дифоъ, Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ, Гурди миллии Президент, ҳамчунин штабҳои вилоятӣ оид ба вазъияти фавқулодда ва дифои шаҳрвандӣ гузаронда мешаванд.

Дар марҳалаи хотимавии машқҳо, ки аз 28 то 30 апрел шуда гузаштанд, таълими баталониву тактикии истифода бурдани авиатсияи ҳарбӣ гузаронда шуданд. Дар он ҳамчунин қувваҳои зудамали мамолики иштирокдори Шартномаи коллективии амнияти ИДМ ҳам иштирок намуданд.

Мақсад аз машқҳои ҳарбӣ азназаргузаронии тайёрии ҳарбии қисмҳои ҳарбии гарнизони ҳарбии Суғд ва сохторҳои нерӯдори вилоят мебошад. Аз рӯи суханони комиссари ҳарбии вилояти Суғд, генерал-майор Аъзам Қосимов маълум мегардад, ки дар машқҳо тамоми техникаи ҳарбии қисмҳои ҳарбӣ, аз он ҷумла авиатсия истифода бурда шуданд. «Дар бадали даҳ соли охир ҳарбиён маҳорати худро хеле баланд бардоштаанд ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат тамоми соҳаҳо, аз он ҷумла, соҳаи таъмини қобилияти мудофиавӣ аз рӯи нақша рушд меёбанд»,—зикр намуд А.Қосимов.

### Кӯмак 5 миллион

Барои ба рӯи об баровардани Барномаи пешгирӣ кардани фавт дар байни бачагон ва модарон ЮНИСЕФ ба Тоҷикистон 5 миллион доллар ҷудо мекунад. Дар ин бора ҷонишини директори иҷрогари ЮНИСЕФ Карен Шампу хабар дод.

Аз рӯи суханони вай, лоиҳа то охири соли 2004 таъин гардидааст. Баробари ба анҷом расидани ин мӯҳлат марҳалаи нави ҳамкорӣ оғоз меёбад, ки то охири соли 2009 давом мекунад. К.Шампу дар ин бобат хавотирӣ изҳор намуд, ки дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон танҳо нисфи фарзандони ба дунёомада номнавис карда мешаванд.

### Тӯҳфа аз сафорат

Компутер ва техникаи нусхабардориро ба сифати тӯҳфа Китобхонаи марказии ба номи Садриддин Айнии шаҳри Кӯлоб аз ҳайати вакилони эронӣ гирифт, ки дар рафти дидан кардани шаҳр дар ин ҷо меҳмон буданд. Техникаро Сафири Ҷумҳурияти Исломии Эрон дар Тоҷикистон Сармади Порсо супурд.

Эрониён барои расондани кӯмак ба тармими бинои китобхона тайёр будани худро изҳор намуданд. Ҳамчунин барои эъмори биной Маркази бонувони «Дилсӯз» низ дасти мадад дароз карда мешавад, ки дар ин ҷо 70 нафар дӯшиза аз оилаҳои камбисот кор мекунанд.

### Истеҳсоли технологияи воло

Ҳуҷҷат дар бораи нияти созмон додани корхонаи муштаракро бо фирмаи истеҳсолии «Интерсети»-и Россия Иттиҳодияи «Тоҷиксисметавтоматика» ба имзо расонд. Корхонаи муштарак оид ба офариниши технологияи воломақом ва соҳаи саноати электротехникӣ машғул мегардад.

Алҳол иттиҳодия бо тайёркунии техникаи зидди сохтор, сипарҳои рекламавии электронӣ тахассусонида шудаасту ҳамчунин молҳои истеъмоли халқро тайёр мекунад.

Дар тӯли соли 2002 дар корхона ба андозаи 92 ҳазор сомонӣ, дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 27 ҳазор сомонӣ маҳсулот тайёр гардидааст.

**«Туркистон пресс»—«Варорyд».**

